## ТАЧЛИЛИ РӮЗИ КОРМАНДОНИ МИЛИТСИЯ ДАР НОХИЯИ ЗАФАРОБОД

Санаи 8 ноябри соли 2024 дар толори Касри фарханги нохияи Зафаробод бо иштироки Раиси нохия Исмоилзода Зуфар Муртазохон, рохбарони макомоти хифзи хукук, масъулини макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ, рохбарият ва кормандони Шӯъбаи Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон дар нохияи Зафаробод, собикадорони макомоти милитсия ва фаъолони нохия мачлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи кормандони милитсия баргузор гардид.

Чорабинӣ бо ворид гардидани парчами давлатӣ ва садо додани Суруди милли огоз ёфт. Нахуст Раиси нохия Исмоилзода З.М. хайати шахсӣ ва собикадорони макомоти корхои дохилиро бо иди касбӣ муборакбод намуд. Ӯ изхор дошт, ки сахми кормандони Шуъбаи Вазорати корхои дохилии нохия дар чорӣ намудани тартиботи чамъиятӣ, пешгирии хукуквайронкунӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва мубориза бар зидди чинояткорӣ басо арзишманд ва назаррас аст. Таъкид гардид, ки расидан ба Истиклоли давлатӣ дар таърихи милитсия сахифаи нав кушод ва шароит фарохам овард, ки кормандони ин ниход бо дарки баланди худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ бахри химояи ин неъмати гаронбахои давлату миллат вазифаи мукаддасу чонӣ — химоя ва хифзи Ватани азизамонро сарбаландона ба чо меоранд.

Сардори ШВКД дар нохия подполковники милитсия Идизода Баходур кормандони шуъба ва собикадорони сохаро табрик намуда, дар ичрои вазифаи масъулиятнокашон комёбихо орзу намуд.

Раиси Шӯрои собикадорони Шуъбаи ВКД Чумхурии Точикистон дар нохия подполковник
и мустаъфӣ С
ӯ
фиев

Х
окиро кормандон ва собикадорони макомоти корхои дохилиро бо иди касбӣ табрик намуд. Сипас рохбарият, кормандон ва собикадорони ШВКД дар нохия бо мукофотхои сохавӣ,
сипоснома ва тӯхфахои макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия кадршиносӣ гардиданд.

Барномаи фархангӣ бахшида ба санаи чашнӣ табъи иштирокдорони чорабиниро болида намуд.

**ДАФТАРИ МАТБУОТИ РАИСИ НОХИЯИ ЗАФАРОБОД**